# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мавзӯи мавриди назар, ки докторант ба риштаи пажӯҳиш кашидааст, басо актуалӣ ба ҳисоб рафта, саҳифаҳои ҷадид ба хазинаи таърихи миллат зам хоҳад намуд. Ба ҳамин далел ва мақсад муаллиф заҳамот ва талошҳои зиёд сомон дода, дар ин росто бо истифода аз манобеи мӯътамад ва осори муҳаққиқон ва донишмандони соҳа то андозае муваффақ ҳам гардидааст. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда дар муқаддима собит шуда, чунон чи зикр намудем, таҳқиқоти мавриди зикр бар пояи маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ, омода шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки то кунун доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ пажӯҳиши муфассал ва мукаммал анҷом дода нашудааст. Бархе аз маводи рӯйи нашр омада низ доир ба таърихи навоҳии минтақа танҳо хусусияти публитсистӣ дорад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар байни муҳаққиқон нахустин шуда, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Раштро дар солҳои Истиқлоли давлатӣ таҳлил намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гаштааст.

Боби якуми диссертатсия“**Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии водии Рашт дар солҳои истиқлолият** (1991-2021)” унвонгузорӣ шуда, дар он вазъи саноат, кишоварзӣ, соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ муаллиф дар бораи соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ баррасӣ шудааст.

Боби дуюми рисола **“Ҳаёти фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият”** номгузорӣ шуда, дар он вазъи маориф, сатҳи рушди Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ, рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он таҳлил шудааст.

**Дар хулоса** фикри ҷамъбастӣ, пешниҳоду тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия оварда шудаанд.

Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи дар он мавҷудбуда минбаъд дар навиштани асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик истифода шуда метавонад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи **«Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)»** ба бандҳои 31 - 37 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

Мудири кафедраи фалсафа ва фанҳои
гуманитарии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент Ҷобиров Р.Ф.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе кучаи Саид Носир, 33
телефон: (+992 37) 2289220
Почтаи электронӣ: info@apa.tj

Имзои Ҷобиров Раҷабалӣ Фатҳуллоевичро
тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.

31.08.2022 с.